Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи мили илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад. Пурзӯр намудани раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ аз нуқтаи назари таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити кунунӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои идораи самараноки раванди такрористеҳсол барои илми иқтисодиёт ва фаъолияти хоҷагидории кишвар яке аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбад.

Диссертант дар автореферат дуруст қайд менамояд, ки такрористеҳсол дар кишоварзӣ як қатор хусусиятҳои хос дорад, ки раванди идоракунии онро аз дигар бахш ва соҳаҳои хоҷагии халқ фарқ мекунонад. Яке аз хусусиятҳои раванди такрористеҳсол дар кишоварзӣ дар он аст, ки дар раванди такрористеҳсол мавҷуд будани муносибатҳои рентавӣ махсусан рентаи дифференсиалии як ва ду таъсири асосӣ дорад. (саҳ. 9).

Возеҳ аст, ки имрӯз  ба идоракунии чунин самтҳо, ба монанди захираҳои ғайримоддӣ ва муайян кардани манбаъҳои маблағгузории раванди такрористеҳсол бояд диққати махсус дода шавад. Ғайр аз ин, дар шароити кунунӣ ҳалли мушкилоти вобаста ба муносибатҳои моликият, аз ҷумла нисбат ба замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот, инчунин маҳдудияти маблағгузории буҷетӣ ва мавҷуд набудани бозори фондӣ аҳаммияти хоса доранд.

Дар автореферати диссертатсия ошкор гардидааст, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарини иқтисодиёт ва идоракунии бахши кишоварзии Тоҷикистон ин ташкили низоми муосири идоракунии раванди такрористеҳсол бо мақсади зиёд кардани самараи он мебошад. Вобаста

ба ин, шарти асосии таъмини самаранокии иқтисодии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таъмин намудани манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагони ин раванд мебошад. (саҳ. 11).

Аз ҷониби муаллиф таснифи такрористеҳсолкунӣ дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ (саҳ.12) муайян карда шудааст, он натиҷаҳои дорои аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ мебошад. Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки "Идоракунии раванди такрористеҳсолкунӣ муносибати мунтазамро талаб мекунад, ки маҷмӯи тадбирҳои институтсионалӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва назариявӣ, инчунин дигар чорабиниҳоро дар бар гирифта, ба муайян кардани манобаҳои сармоягузорӣ ва рушди инноватсионӣ нигаронида шудааст. (с.12-13). Ҳамин тавр муаллиф кӯшиш кардааст, ки сохтори системавии идоракунии такрористеҳсолкунӣ дар бахши кишоварзӣ нишон диҳад" (с.13), "Низоми идоракунӣ давлатии раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ, баҳамалоқамандии тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ (саҳ.21) нишон дода шудааст".

Муаллиф ба ҳадафҳои таҳқиқоти илмӣ ноил шуда, вазифаҳоро оид ба проблемаи баррасишаванда саривақт иҷро намудааст. Сатҳи баланди илмии автореферати диссертатсия барои хулосабарорӣ имкон медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот низ пурра иҷро шудаанд.

Дар баробари ин, дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1.Танзими давлатии масъалаҳои идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ дар автореферат ба таври васеъ таҳлили худро наёфтааст.

2. Хуб мешуд, агар дар автореферат самаранокии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ равшан ва бо мисолҳои амалӣ нишон дода шавад.

Албатта, эродҳои мазкур сатҳи илмии диссертатсияро паст карда наметавонанд ва хусусияти тавсиявиро доро мебошанд. Умуман, аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ навишта шуда аст.

Диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700– Менеҷмент (6D050704-

Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) сазовор мебошад.

**Тақризнавис:**
д.и.и., профессор, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур З.Р. Шарифов

Сурогаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел. 224-72-07 https://www.tajagroun.tj/

Имзои д.и.и., профессор З.Р.Шарифов- ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.